**Такриз**

**ба автореферати Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Сатторова Дилрабо дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Мусаллам аст, ки забони адабии тоҷикӣ баробари таҳаввулоти иҷтимоӣ пайваста дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеаро дар худ таҷассум намуда, баробари он худ низ мукаммалтару фасеҳтар ва ғановатманду ҷаззобтар гаштааст ва ин вижагиро бегумон дар осори адибону сухангустарон мушоҳида менамоем. Аз ин лиҳоз таҳқиқу пажӯҳиши забони тоҷикӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо назардошти вижагиҳои эҷодии намояндагони ин давраҳо қобили арзёбии махсус аст.

Дар ин росто пажӯҳишгарони муосир ба низоми маъноии калимаҳо ва маҷмуи луғот таваҷҷуҳи хосае зоҳир намуда, тавассути таҳлилу баррасии маъно ва вижагиҳои луғавӣ низоми семантикии забонро мушаххас ва доираи маъноии ҳар як вожаро бо тобишҳои гуногуни он муайян менамоянд, ки ин барои илми муосир арзиши назаррас дорад. Аз ин лиҳоз баррасии мавзуъ дар айни замон хеле муҳиму мубрам мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот таҳия гардидааст. Дар он аҳаммияту навоварии таҳқиқ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифа, фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардидаанд.

Боби якум «Қабатҳои луғавӣ-маъноии вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» ном дошта, дар дар 4 зербобу 6 фасл хусусияти луғавӣ-маъноии вожаҳои ҳикояҳои нависанда аз нигоҳи услубӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Зербоби якуми боби якум «Калимаҳои сермаъно» ном дорад. Муҳаққиқ аз осори пурғановати адиби тоҷик калимаҳои сермаъноро пайдо карда, дар мавридҳои зарурӣ онҳоро ҳамчун намуна оварда тавонистааст.

Зербоби дуюми боби якум «Омонимҳо» номгузорӣ шудааст. Омонимҳо воситаи муассирии забони асари бадеӣ ба ҳисоб рафта, сухани адибро ҷаззобтар менамоянд. Бинобар ин, муҳаққиқ дар он масъалаи баррасии омонимҳоро аз ҷониби адиб матраҳ намудааст.

Дар зербоби сеюм «Вижагиҳои муродифот» муҳаққиқ оид ба масъалаи омӯзиши муродифот» аз ҷониби донишмандон андешаҳои хешро баён намуда, муродифҳои ҳикояҳои адибро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби дуюми диссертатсия «Мавкеъ ва услуби корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби аввал «Вожаҳои аслан тоҷикӣ» номгузорӣ шудааст ва дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ вожаҳои аслан тоҷикӣ бо хусусияти услубӣ баррасӣ шудааст.

Дар зербоби дуюми ин боб, ки «Вомвожаҳо» ном дорад, Сатторова Дилрабо кӯшиш намудааст, вомвожаҳоро дар ҳикояҳо аз забонҳои арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-аврупоӣ ҷудо намуда, аз рӯйи мазмуну муҳтавояшон гурӯҳбандӣ намояд. Вомвожаҳо ва намудҳои он дар ҳикояҳои нависанда ба таври возеҳ баррасӣ шудаанд, ки омӯзишу таҳқиқи вомвожаҳо яке аз ҷанбаҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад.

Боби сеюми диссертатсия «Услуби корбурди унсурҳои забон вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» унвон дошта, аз 3 зербоб иборат аст. Боби мазкур ба таҳқиқи унсурҳои забон вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоии онҳо бахшида шудааст.

Зербоби аввали боби сеюм «Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ» ном дошта, муҳаққиқ калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ ҳикояҳои Абдусалом Деҳотиро аз рӯйи ҳиссаҳои нутқ ба исмӣ, сифатӣ ва феълӣ гурӯҳбандӣ намуда, бо факту далелҳо исбот кардааст, ки дар забони тоҷикӣ теъдоди ин гуна калимаҳо зиёдтаранд.

Зербоби дуюми боби сеюм «Услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ» унвон дорад, ки муҳаққиқ тавонистааст мавқеи воҳидҳои фразеологиро вобаста ба тарзи корбурд дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ муайян намояд.

Зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия «Таснифоти зарбулмасалу мақолҳо» - ро Сатторова Дилрабо бевосита ба таҳлили зарбулмасалу мақолҳо равона кардааст.

Забони нигориши рисола илмӣ буда, ҳар як боби он бо хулосаҳои мушаххаси муҳаққиқ анҷом ёфтааст ва дар ин асно масъалаҳои илмии дар рисола матраҳгардида ҳалли худро ба пуррагӣ ёфтааст. Дар хулосаи умумӣ муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ ба анҷом расидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи меъёрҳои нави таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Он мақолаҳое, ки муаллифи диссертатсия нашр намудааст, мӯҳтавои рисоларо пурра инъикос менамояд. Муҳтавои диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла, 6 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашррасида инъикос ёфтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳо бамаврид аст:

1. Дар фишурдаи диссертатсия, дар мавриди истифодабарии истилоҳоти забоншиносӣ якрангӣ ба назар намерасад, масалан, муҳаққиқ дар як маврид мутазод навиштааст, дар мавриди дигар антоним.
2. Дар саҳифаҳои 5, 8, 11-и фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

Ғалатҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд ва онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Сатторова Дилрабо дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва унвонҷӯй сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси қобили матлаб аст.

**Муқарриз:**

Ректори Филиали Донишкадаи рушди
менеҷменти Сингапур дар шаҳри
Душанбе, доктори илмҳои филология
Мухторов Зайнидин Мухторович

**Суроғаи муқарриз**: 734003, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33. mukhtorov67@gmall.com
Тел.: 992907801822

07.05.2024